**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-073-и**
**ки дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ) амал мекунад**
**(735700, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбековҳо,1.)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ доктори илмҳои таърих Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович ба диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи “Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Соли 2024 барои халқи тоҷик соли ҷашнӣ аст. Сад сол муқаддам аввалин давлати шӯравии тоҷик – Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (1924) таъсис ва 95 сол муқаддам ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929) табдил ёфт. Барпо шудани ҶШС Тоҷикистон барои халқи тоҷик воқеаи муҳими таърихӣ буда, дар роҳи инкишофи минбаъдаи ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии тоҷикон нақши бағоят калон гузошт. Яке аз мақсадҳои инқилоби мадании, ки ҳамон солҳо оғоз ёфт истифодаи меросӣ фарҳангӣ ба шумор мерафт. Дар ин самти сиёсати давлати навтаъсисёфта таҳқиқи бостоншиносии ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон мавқеи хоса дошт. Аз ин рӯ, оғози таърихи археология (бостоншиноси)-и тоҷик ҳамқадами давлати шӯравӣ ва як ҷузъи муҳими фарҳанги шӯравии Тоҷикистон мебошад.

Дар давоми зиёда аз 60 соли замони шӯрави бостоншиносии тоҷик дар омӯзиши мероси таърихию фарҳангии шимоли Тоҷикистон ба дастовардҳои бузург ноил гашт. Бостоншиносон ёдгориҳои нодири давраҳои гуногуни таърихӣ, оғоз аз бошишгоҳҳои асри санг то ба вайронаҳои қалъаю шаҳрҳои асри XIX-ро кашф ба таҳқиқ гардониданд. Лозим ба ёдоварист, ки таърихи омӯзиши археологии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла шимоли Тоҷикистон масъалаи мухим дар бахши таърихшиносӣ мебошад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи “Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)” пажуҳиши саривактӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули таҳлилӣ таърихӣ ва муқоисавӣ мавриди омӯзиши илмӣ карор додааст.

Муаллиф диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то хол ба таври таҳлили тахкик нагардидани раванди омӯзиши бостоншиносии минтақаҳои Тоҷикистон огоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки дар

таърихи бостоншиносии точик гарчанде ба масъалаи тахкик ва тахлили омӯзиши ковишҳои археологии минтақаҳои алоҳида (болооби Зарафшон, Тоҷикистони ҷанубӣ, Помир) дар таърихшиносии тоҷик таваччух шуда бошад хам, вале таърихи таҳқиқи бостоншиносии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон аз назари мухаккикон берун мондааст.

Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи "Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)" махз хамин кисмати илмиро комил мекунад. **Саҳми шахсии муҳаққиқ** Хайруллозода Кароматулло дар он зоҳир мешавад, ки мавзӯи мазкурро бори нахуст дар таърихшиносӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ карор дода, саҳми бостоншиносонро дар асоси натоиҷи ҳафриёти археологӣ ошкор кардааст.

**Навгонии тахкикоти** мавриди назар, пеш аз хама, дар ин зохир мешавад, ки гарчанд тахкикоти зиёде оид ба омӯзиши ёдгориҳои алоҳида аз тарафи кишваршиносон, бостоншиносон, умуман, мухаккикон дар диссертатсияхои хеш фикру андешахои худро баён карда бошанд ҳам, вале, то имруз таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимоли дар замони шӯравӣ (аз рӯзи таъсисёбии Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон то пош хурдани Иттиҳоди шӯравӣ (СССР) дар осори илмии муаррихони тоҷик мавриди тахкику омузиши хаматарафа карор нагирифтааст. Хайруллозода Кароматулло дар диссертатсияи хеш бори нахуст ҳусусиятҳои ва давраҳои раванди таҳқиқи ёдгориҳои археологии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон (ҳозира вилояти Суғд)-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар диссертатсия накши бостоншиносони алоҳида ва экспедиқияҳои дар раванди ҳафриёти ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ муайян карда шудааст. Муҳаққиқ даврабандии таърихи омӯзиши ёдгориҳои ноҳияҳои шимолии Тоҷикистонро дар замони шӯравӣ пешниход кардааст, ки ба халли масъалаи таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистон ҳиссаи муайян хоҳад гузошт.

Дигар ин ки, дар диссертатсия хусусиятхои ҷойгиршавии ва давраи таърихии фаъол будани ёдгориҳо, қабати маданиии объектҳои археологӣ ва аҳамияти илмии бозёфтҳо ва ҷойгоҳи ҳар яке аз ёдгориҳо дар бостоншиносӣ ва таърихшиносии точик муайян шудааст.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобшуда муҳим буда, қобили дастгирист. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва фехристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, масоили ба химоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, хаҷм ва сохтори диссертатсия

маълумот дода мешавад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгу аст.

Бобҳои диссертатсия ба масоили назариявию амалии хусусиятхои таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар замони шӯравӣ бахшида шудаанд. Аз чумла, дар боби якум “Корҳои бостоншиносии солҳои 1929-1941 дар Тоҷикистони шимолӣ”, ки аз се фасл: “Аз таърихи ташаккули аввалин марказҳои илмии шӯравӣ оид ба омӯзиши мероси фарҳангии тоҷикон”, “Таҳқиқотҳои бостоншиносии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ” ва “Фаъолияти В.Р.Чейлитко оид ба муайян ва омӯхтани ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ” иборат аст, ки дар бораи пойдоргардидани муассисаҳои аввалини илмӣ дар Тоҷикистон ва оғози корҳои археологӣ дар минтақа мавриди тахкик карор дода шудааст.

Диссертанд дуруст қайд намудааст, ки давраи солҳои 20-30-уми асри XX марҳиялаи хеле душвор ва пуртазоди омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ ва дар маҷмӯъ илми ватанӣ буд. Ҳақиқатан, аз як тараф, дар ин давра низоми таҳсилоти олӣ дар тайёр кардани кадрҳо (Донишкадаҳои омузгорӣ дар Душанбе ва Хуҷанд), осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои оғоз мешавад. Раванди ташаккули муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва иқтидори кадрии онҳо ба мушоҳида мерасад, мақомоти танзимкунандаи ҳолат ва самти таҳқиқоти илмӣ (Туркомстарис, Средазстарис ва ғайра) нисбатан беҳтар шуданд.

Аз тарафи дигар, омӯзиши муназзами бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ ташкил нашудааст. Ҷамъоварии маълумот дар бораи ёдгориҳои бостоншиносиро геологҳо, кормандони осорхонаҳо (А.В. Уэлс ва дигарон), этнографҳо (М.С.Андреев, Е.М.Пещерова), кишваршиносони ҳаваскор (Р.Маҳмудов, А.Е.Маҷи) анҷом додаанд ва танҳо баъзан мутахассисон-бостоншиносон (Латинин, Оболдуева) ҷалб карда мешуданд. Дар ин замина, кори В.Р.Чейлитко пурмӯҳтаво ба назар мерасад.

Диссертант давраи аввалини омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистони Шимолиро (солҳои 1929-1841) шартан ба 3 марҳила тақсим намуда, хулоса менамояд, ки ҳаҷми ҳафриётҳо нисбатан кам буданд, аммо бисёр объектҳои бостоншиносии минтақаҳои шимолии Тоҷикистон ба мубодилаи илмӣ ворид карда шуданд.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқоти дастаҳои Экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1946-1973” унвон гирифта, ба тахкику баррасии хусусиятхои ҳафриёти

босттоншиносони шӯравӣ дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ то оғози солҳои 70-уми асри XX бахшида шудааст.

Фасли аввали боби дуюми диссертатсия тахти унвони "Оғози омӯзиши муназзами ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистонм Шимолӣ" ба масоили зерин бахшида шудааст. 1. Таъсисёбии Экспедитсияи бостоншиносии суғду тоҷик (Согдийско-таджиксая археологическая экспедитсия). 2. Барномаи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистон (хусусан, минтақаҳои таърихии Суғди бостон ва Бохтар ва фаъолияти дастаҳои аввалини бостоншиносӣ. Диссертант қайд намудааст, ки тадқиқоти шадид ва муназзам пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо таъсиси дар соли 1946 Экспедитсияи бостоншиносии Суғдӣ-Тоҷикӣ (ЭБСТ) оғоз ёфт. Ташкили ЭБСТ имкон дод, ки омӯзиши муназзами бостоншиносии қаламрави Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои шимолии он оғоз карда шавад. Махсусан кору фаъолияти дастаи Уструшании ЭБСТ (роҳбараш О. И. Смирнова) самаранок буданд, ки дар натиҷаи он бисёр ёдгориҳои Уструшанаи қадим ва аввали асрҳои миёна қайд ва сабт карда шуданд.

Фасли дуюми боби дуюм, ки "Ҳафриёти ЭБТ дар Тоҷикистони Шимолии солҳои 1951-1960" ном дорад, доир ба раванди ташкилёбӣ ва фаъолияти дастаҳои археологӣ дар таҳқиқи ёдгориҳои вилояти Суғд андешахои худро иброз намудааст. Табдили экспедитсияи бостоншиносии Суғду Тоҷикистон (ЭБСТ) ба Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон ( ЭБТ ) дар соли 1952 барои омӯхтани мавзеъҳои бостоншиносии Тоҷикистон ва аз ҷумла, минтақаҳои шимолии он дигаргунӣ ворид намуд. Пеш аз ҳама, масоҳати ёдгориҳои омӯхташуда васеъ карда шуда (аз қисми тоҷикии Суғди таърихӣ то саросари Тоҷикистон), заминаи моддию техникии экспедитсия мустаҳкам гардид. Ба корҳои экспедитсия (ЭБТ) кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнография ва сектори бостоншиносии он зери роҳбарии Б.А. Литвинский) ҳамроҳ шуда омодакунии кадрҳо фаъолона ҷараён гирифт.

Ба туфайли корҳои бостоншиносии солҳои 50-60-ум даҳҳо ёдгории нави ҷолиб, ки ҳаёти бойи гуногун, тамоми паҳлӯҳои фарҳанги моддии ниёгони халқи тоҷикро дар миқёси Тоҷикистони Шимолӣ инъикос мекунанд, ба илм ворид шуданд. Ҳамзамон, кори асосиро се гурӯҳи бостоншиносон анҷом доданд: якум, таҳти роҳбарии А.П.Окладников, омӯзиши муттасили қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ ва ёдгориҳои асри санг, гурӯҳи дувум бо роҳбарии Н.Н.Негматов, ёдгориҳои Уструшана ва минтақаи Хуҷанд, гурӯҳи сеюм бо роҳбарии Б.А.Литвинский ёдгориҳои Фарғонаи Ғарбӣ ва Илакро таҳқиқ намуда, якҷоя таҳқиқотро барои

муайян кардани харитаи бостоншиносии шимоли Тоҷикистон анҷом доданд.

Фасли сеюми боб давоми мантиқии фаслҳои пешин буда ба таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1961-1973 бахшида шудааст. Чи ҳел, ки диссертант қайд намудааст, дар ин давра аз ҷониби гурӯҳи бостоншиносии Тоҷикистони шимолии Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶШС Тоҷикистон (сардораш Н.Н. Неъматов) як қатор масъалаҳои таърих ва таърихи фарҳанги доираи васеи хронологӣ - аз асри биринҷӣ то охири асрҳои миёна аллакай дар доираи барномаи мукаммали таҳқиқотӣ иҷро мешуданд.

Дар хулосаи боби 2 диссертант дуруст қайд менамояд, ки меҳнати самарабахш ва ҳаҷми калони корҳои дастаи Точикистони Шимолӣ дар давраи соли 1950 - аввали соли 1970-и асри XX имкон дод, ки барои омӯхтани ёдгориҳои минтақаҳои таърихии Тоҷикистони Шимолӣ - Фарғонаи Ғарбӣ, Илоқ, Хуҷанд ва Уструшана дар ҳудуди вилояти ҳозираи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бузурги ҳафриётӣ анҷом дода шаванд. Ёдгориҳои омӯхташуда - бошишгоҳҳои маданияти Қайроққум (Окладников, Литвинский, Ранов), қабристонҳо ва муғхонаи Фарғонаи Ғарбӣ (Литвинский, Ранов, Салтовская), шаҳракҳои бостонии Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд, Қалъаи Афросиёб (Салтовская), навъҳои гуногуни ёдгориҳои Уструшана - Қалъаи Қаҳқаҳа, Муғтепа, Хонайлов, Чилхуҷра, Чилдухтарон, Оқтепа, Тирмизактепа, Чоршохатепа, Тоштемиртепа ва диг. (Н.Н. Неъматов, У.П. Пӯлотов, С.Ш. Марофиев, А.К. Мирбобоев) ба харитаи бостоншиносии Тоҷикистон ворид карда шуданд.

Боби сеюми диссертатсия “Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ ва тадқиқоти бостоншиносии ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1974-1989)” ном дорад ва фаслхои он ба таҳкику баррасии масоили корҳои экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ дар 15 соли охири давраи шӯравӣ бахшида шудааст.

Фасли аввали боби сеюм “Таъсиси Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ”(ЭБКТШ) ва самтҳои асосии таҳқиқот дар Тоҷикистони Шимолӣ” ном гирифта, он ба фаъолияти экспедитсияи навтаъсис дар омӯзиши ёдгориҳои археологии шимоли Тоҷикистон дар солҳои 70-уми асри XX бахшида шуда, аз руйи давра ва масоили дар бар гирифта ба се фасл таксим шудааст. Дар фасли аввал аз заминаҳо ва мақсади таъсисёбии Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (Северо-таджикистанская археологическая комплексная экспедитсия – СТАКЭ) таҳлил шуда самтҳои асосии

таҳқиқоти он оварда шудаанд. Ташаббускори ин иқдом ва роҳбари экспедитсия профессор Нӯмон Неъматов буд. Чи хел ки аз номаш мармеояд, ин экспедитсияи комплексӣ буда мутахассисони бисёр соҳаҳо ба мисли топографҳо, таърихшиносони меъморӣ, санъатшиносон, тармимгарон, барқароркунандагон, этнографҳо ва ғайра ба корҳои таҳқиқотии Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) ҷалб карда шуданд. Баробари ин, диссертанд қайд менамояд, ки дар он мубодилаи таҷриба ва ҳамкорӣ бо дигар экспедитсияҳо ва марказҳои бостоншиносии кишварҳои хориҷӣ хуб ба роҳ монда шуда буд.

Дар фасли дуюми боби сеюм "Таҳқиқоти бостоншиносон дар нимаи якуми солҳои 80-уми асри XX" натоиҷи панҷ мавсимӣ соҳроии дастаҳои археологии Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) баррасй мешавад. Диссертант таъкид менамояд, ки дар ин марҳила муҳимтарин объекти тадқиқот димнаи Нуртепа буд. Дар диссертатсия омадаст, ки маводи ҳангоми ҳафриёти ин ёдгорӣ ба саволҳои зиёде, ки дар бораи таърихи давраҳои аввали ҳаёти шаҳрӣ (урбанизатсия), таҳқими он ба муҳаққиқон гузошта шудаанд, ҷавоб медиҳанд. Маводи стратиграфии нав ба даст овардашуда нишон доданд, ки шаҳри бостонии Хватак (Нуртепа) дар охири асри биринҷӣ ба вуҷуд омада, тақрибан 500 сол дар як ҷо вуҷуд дошт.

Диссертант натоиҷи ҳафриёти дастаҳои Табошар, Куркат, Хуҷанд, Истаравшан ва дигарҳоро низ ишора кардааст. Масъалаҳои омӯзиши обёрӣ ва расмҳои рӯйи санг низ дар маркази таваҷӯҳи бостоншиносони экспедитсия буданд. Аз маводи фасл бармеояд, ки таҳқиқоти Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ" (ЭБКТШ) дар панҷсолаи аввали солҳои 80-уми асри XX аз лиҳози мавзӯъ, ҷуғрофия ва хронология доираи васеи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолиро фаро гирифтааст.

"Дастовардҳои Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭБКТШ) дар омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ дар солҳои 80-уми асри XX" фасли сеюми боби сеюм ба ҳисоб рафта, доир ба масоили зерин бахс мекунад: 1.Оғози урбанизатсияи дар воҳаи Сирдарё дар ҳазорсолаи 1 то милод (ёдгориҳои Хуҷанди Архаикӣ, Нуртепа, Муғтепа, Чимбандтепа, Ширин ва ғ.); 2. Кӯшкҳо ва қӯргонҳои Илоқи ҷанубӣ (дар ҳудуди вилояти Суғди имрӯза); 3. Қабристону қӯрғонҳои Фарғонаи Ғарбӣ; 4. Ёдгориҳои Истаравшани бостон; 5. Ҷойгиршавии Искандарияи Эсхата; 6. Петроглифҳои қаторкӯҳи Қурама ва Мевагул.

Дар қисми хулосавии диссертатсия ба раванди таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ қайд шудааст, ки давраи шӯравӣ

дар таърихи омӯзиши мавзеъҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ замони ташаккул ва рушди бостоншиносии минтақа буд. Таҳлили раванд имкон дод, ки 4 марҳилаи асосии рушди тадқиқоти бостоншиносӣ муайян шавад. Рушди бостоншиносии минтақа, ки хусусияти маҳаллӣ дошт, бо вуҷуди ин, бо рушди илм дар саросари Тоҷикистон пеш мерафт

Дар асоси мӯҳтавои дар боло зикр шуда, метавон гуфт, ки мавзуе, ки дар диссертатсия мавриди пажӯҳиш илмӣ карор гирифтааст, бешубҳа, муҳим буда, барои илми таърихшиносии муосири точик аҳамияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бахши таърихи бостоншиносӣ таҳқиқоти тоза ва мубрам махсуб мешавад. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия максаду вазифахои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро карда, як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниход намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ муносиб ва мувофик мебошад.

Дар диссертатсия мавриди такриз дар радифи мухассаноти фаровон баъзе нуктаҳои бахсталаб ба мушохида мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, ба пиндори инҷониб, боиси болоравии хусни таҳқиқот хоҳад гардид:

1. . Зимни таҳлили зербоби аввал, ки ба таърихи ташаккули аввалин марказҳои илмии шӯравӣ оид ба омӯзиши мероси фарҳангии тоҷикон бахшида шудааст, диссертант баъзан аз доираи хронологии таҳқиқот берун рафтааст.

2. Диссертант таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони шимолиро дар давраи шӯравӣ ба чаҳор марҳила тасниф намудааст. Ба назари мо, марҳилаҳои 2 ва 3-ро мутаҳид намуда мумкин. Яъне дар умум 3 марҳила шуда ба 3 боби рисола мувофиқ мегардад.

3. Диссертант ба ҷойгиршавии ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ кам эътибор додааст. Унвонҷӯ метавонист, ки дар асоси ҷойгиршавӣ ва таснифи типологии ёдгориҳои қайдшуда барои рисола замимаи хуб ва арзишманд омода намояд.

4. Хронологияи мавзӯъ (1929-1989)-ро асоснок намудан лозим

5. Ба назари мо, хуб мешуд, ки хулосаи кор дар автореферат мукаммалтар мегардид.

6. Дар баъзе сахифахои матни диссертатсия галатхои услубӣ ва техникӣ ба мушохида мерасад.

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта халале ворид намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳшаванда буда, ба мазмуну мӯҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии мухаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонхои точикӣ ва русӣ) осори илмиву мақолаҳои дар ин замина ба табърасонидаи диссертан мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд Тавре ки аз

феҳристи таълифоти муаллиф бармеояд, у доир ба мавзӯи таҳқиқоти худ 13 номгӯй мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд

Таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, тахти №267 тасдик гардидаанд, пурра ҷавобгу буда, муаллифи он Хайруллозода Кароматулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**Доктори илмхои таърих,**
**сармуҳофизи Осорхонаи миллии**
**бостонии Тоҷикистон Институти**
**таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А.Дониши АМИТ** **Бобомуллоев С. Ғ.**
Тел.: +992 93 413 72 04:
E-mail: bobomulloev_said@mail.ru

*Имзои Бобомуллоев С.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ**
«12» марти 2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: +992 (37) 221-37-42 Email: itaijt51@mail.ru